# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PHD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.12.2025, №73**

Барои сазовор донистани Буриев Шоҳин Муддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 20 октябри соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №94 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Буриев Шоҳин Муддинович 20-уми декабри соли 1996 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавсуд, соли 2019 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Баъдан, ӯ дар давоми солҳои 2019-2021 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати магистрант аз рӯи ихтиссоси фаъолияти бонкӣ таҳсил намудааст. Буриев Шоҳин Муддинович соли 2021 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD)-и кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2024 хатм кардааст.

Буриев Шоҳин Муддинович аз соли 2024 фаъолияти меҳнатии худро ба ҳайси ассистенти кафедраи кори бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намуда, то ҳол дар вазифаи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Шоҳин Муддинович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 7 феврали соли 2022, протоколи №07 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии докторанти фалсафа (PhD) номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич таъин шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

**- Икромӣ Нуриддин Қиём** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ Ҳалимов Л.М. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №4, аз 25.11.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 27.11.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Буриев Шоҳин Муддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 16 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Буриев Ш.М. Асосҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ, маблағгузориҳои хурд ва нақши онҳо дар иқтисодиёт / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ/ Душанбе – 2022 - №8 – С. 173–184, ISSN 2413-5151;

[2-М] Буриев Ш.М. Дистанционные банковские услуги как механизм развития банковского сектора Таджикистана / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук/ Душанбе – 2023 - №7 - С. 17–23, ISSN 2413-5151;

[3-М] Буриев Ш.М. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии табаддулоти рақамӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд / Ш.М. Буриев // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» / Душанбе – 4-1(49)-2023 - саҳ. 18–25, ISSN 2308-054X;

[4-М] Буриев Ш.М. Таҳлили таҷрибаи низоми маблағгузории хурди Федератсияи Русия ва ИМА дар шароити муосир / Ш.М. Буриев // Паёми

“Молия ва иқтисод” – и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Душанбе – 2023 - №4 (1) - С. 319–330, ISSN 2663-0389;

[5-М] Буриев Ш.М. Масъалаҳои мукаммалгардонӣ ва гурӯҳбандии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд / Ш.М. Буриев // Ахбори Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иқтисодӣ / Душанбе – 2023 - №3 (272) – С. 44-49, ISSN 2791-2639.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М] Буриев Ш.М. Гурӯҳбандии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои қарзӣ / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти рақамӣ», Душанбе,10-уми феврали соли 2023 - С. 83–89, ISBN 978-99985-36-54-8;

[7-М] Буриев Ш.М. Намудҳои таблиғот дар ташкилотҳои қарзӣ / Ш.М. Буриев, С.С. Саъдуллозода // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти рақамӣ» (10-уми феврали соли 2023) - С. 407-411, ISBN 978-99985-36-54-8;

[8-М] Буриев Ш.М. Оценка рынка банковских услуг в странах мира / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон», Душанбе, 17.02.2023 - С. 379-385, ISBN 978-99985-36-56-2;

[9-М] Буриев Ш.М. Таъсири низоми бонкӣ ба ҳолати рушди иқтисоди кишвар / Ш.М. Буриев, Ғ.Ҳ. Ғаюров, Ф.С. Обидов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ», Кӯлоб, 19-20.12.2023 – С. 162–167, ISBN 978-99975-0-843-0;

[10-М] Буриев Ш.М. Мушкилиҳои ҷойдошта дар бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.М. Буриев, Ғ.Ҳ. Ғаюров // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ», Кӯлоб, 19-20.12.2023 – С.180–183, ISBN 978-99975-0-843-0;

[11-М] Буриев Ш.М. Қарзҳои ипотекӣ: таърихи пайдоиш ва ҳолати муосири он / Ш.М. Буриев, К.Ф. Сайфуров // Маводи конфронси I илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд», Душанбе, 19-20.01.2024– С.444-448, ISBN: 978-99985-46-16-5;

[12-М] Буриев Ш.М. Изучение  факторов, влияющих на развитие рынка банковских услуг / Ш.М. Буриев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Финансово-кредитное регулирование развития инновационного предпринимательства в Таджикистане», Душанбе, 10.05.2022 – С. 66-69;

[13-М] Буриев Ш.М. Оид ба баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.М. Буриев, Ф.О. Худоиева // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои молиявию

қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 18.02.2022 – С. 49-56;

[14-М] Буриев Ш.М. Танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд: таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ / Ш.М. Буриев // Конференсияи ҷумҳурияии илмию амалӣ дар мазуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир», Душанбе, 25.11.2022 – С. 307–311;

[15-М] Буриев Ш.М. Мукаммалгардонии идоранамоии низоми хавфҳои бонкӣ дар шароити иқтисодӣ рақамӣ / Ш.М. Буриев, Ф.С. Обидов // Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ) – Душанбе, 2024-С.245-252;

[16-М] Буриев Ш.М. Рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва аҳамияти он дар пешрафти муносибатҳои қарзӣ / Ш.М. Буриев // Семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «масоили назариявию амалии пардохтҳои гумрукӣ дар раванди ғанигардонии даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 75-солагии дотсент Ҳикматов Сафаралӣ Ҳикматович (Душанбе, 15 -уми январи соли 2024) - С.46-53.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод:**

1. Дар самти баҳогузории сифати хизматрасониҳои бонкӣ, усулҳои CSI, NPS ва SERVQUAL пешниҳод шудаанд, аммо самаранокии усулҳои мазкур ба таври пурра асоснок нагардидааст.

**2. Қодирова Гулмо Толибовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, мудири кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Муаллиф дар ҷадвали 1 давраҳои ташаккулёбии истилоҳи «маблағгузории хурд»-ро аз нигоҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ коркард намудааст, ки ин қобили қабул аст, аммо беҳтар мебуд, агар нуктаҳои баҳсноки онро мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Дар диаграммаи 1 муаллиф тағйирёбии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва сабабҳои асосии онро шарҳ додааст, вале дар ин самт номгӯи ташкилотҳои маблағгузории хурди муфлисшуда оварда нашудаанд.

**3. Собирҷонов Алишер Солиҷонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат расми 1 пурра шарҳи худро наёфтааст.

2. Ҳангоми таҳқиқот муаллиф дар баробари омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷа (ба мисли: ИМА, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Лаҳистон, Ҷумҳурии Гурҷистон ва ғайраҳо) ба таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя (аз қабили: Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва ғайраҳо) камтар диққат додааст.

**4. Ҷураев Беҳзод Машрафович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сардори шуъбаи таҳлил ва ҷалби маблағгузории ФҚХ «Фонди бозтамвил» бо чунин эрод:**

1. Дар автореферати диссертатсия муаллиф танҳо фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл»-ро таҳлил намуда, мавқеи онро дар низоми маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудааст. Ба андешаи мо хуб мешуд, агар дар қисми объекти таҳқиқот фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» низ ҳамроҳ карда мешуд ва дар қатори ташкилоти мазкур, ҳамчунин фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди дигар низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирифтанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест. Ташаккур, ба диққататон!

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкии ТМХ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асосноки муаллифии моҳияти иқтисодии маблағгузории хурд, хусусиятҳо ва принсипҳои онро дар асоси консепсияҳои мавҷуда муайян намуда, мавқеи онро дар ҷараёни ташаккули фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд муайян карда шудааст ва ҷараёни ташаккули фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар шароити муосири иқтисодӣ таҳлил намуда, заминаи таҳаввулоти он дар асоси таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ асоснок гардида, марказҳои таъсирбахш ба раванди рушди низоми иқтисоди миллӣ баррасӣ гардидаанд.

- ***исбот шудааст, ки*** таъмини фаъолияти густурдаи ташкилотҳои маблағгузории хурд, рақобати солим миёни онҳо ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои ТМХ пажӯҳиш гардидааст. Дар заминаи таҳқиқотҳои анҷомёфта оид ба маблағгузории хурд ва фаъолияти ТМХ, ҳолати рушди бозори маблағгузории хурд, сифати маҳсулотҳои ТМХ тақвият меёбад ва дастрасии шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ таъмин мегардад;

- **муаммоҳои** дар бозори маблағгузории хурд ҷойдошта ошкор шуда, он омилҳое, ки метавонанд ба ҷараёни фаъолияти ТМХ таъсири манфӣ мерасонанд, гурӯҳбандӣ гардида, мушаххас гардидааст, ки сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инфрасохтори техникӣ, тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, мутобиқати хизматрасониҳо ба талаботи муштариён ва ғайраҳо ба фаъолияти ТМХ таъсир расонида

метавонанд, илова ба ин, таҳкими сифати хизматрасониҳои ТМХ дар асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ – рақамӣ, ба таври васеъ истифода намудани технологияи муосир, хизматрасониҳои фосилавӣ, РС-банкинг, интернет банкинг ва мобайл-бонкинг баҳогузорӣ шудааст.

- ***тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** а) вазъи кунунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти омилҳои иқтисодӣ – иҷтимоии таъсиррасон таҳлил гардида, тамоюли рушди самтҳои афзалиятноки он баҳо дода шудаст ва дар ин асос бо истифодаи усулҳои муосир дараҷаи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шудааст; б) ошкор карда шуд, ки рақобат миёни ташкилотҳои қарзии бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо шиддат афзоиш ёфта истодааст ва дар ин замина мушаххас гардидааст, ки танҳо тавассути истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ ташкилотҳои қарзӣ имконият доранд дар бозор мавқеи устувори рақобатиро касб намоянд; в) баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқи ҳуҷҷатҳову барномаҳои стратегӣ, ки дар соҳаи бонкдорӣ амал менамоянд, имкон дод, ки рақобатпазирии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ коркард гардад ва имкониятҳои тақвияти минбаъдаи он тавсия шудааст ва бо таҳлили ҳолати бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои асосии рушди минбаъдаи ин бозор муайян гардида, илман асоснок карда шудааст.

- ***омили муҳимми сарфаи вақт*** бо таҳқиқи асосҳои назариявӣ, консепсияҳо, афкори иқтисодии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам омад, ки хусусиятҳои фаъолияти ТМХ, инкишофи бемайлони он мавриди пажӯҳиш қарор гирад ва давраҳои рушди маблағгузории хурд гурӯҳбандӣ карда шавад ва таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин замина назари муаллиф пешниҳод шудааст ва ошкор гардид, ки дар ҷараёни фаъолияти ТМХ ва такмилёбии дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ ва рақамикунонии амалиёт мавқеи калидиро касб менамояд ва дар ин асос нақши инноватсияҳо дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд баррасӣ гардида, аҳамияти технологияи муосири молиявӣ дар баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкии ТМХ, васеъгардии доираи маҳсулотҳои ин ташкилотҳо ва таҳкимёбии хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, аҳамияти инноватсия дар тақвияти фаъолияти бозори маблағгузории хурд ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи минбаъда баҳогузорӣ шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии он бо маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба такмили фаъолияти ТМХ ба таври васеъ истифода шудаанд.

- ***исбот шудааст,*** ки такмили механизми хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар заминаи рушди технологияи инноватсионӣ, рушди

инфрасохтори рақамӣ, тақвияти заминаи меъёриву ҳуқуқӣ, устуворгардонии пойгоҳи технологӣ ба роҳ монда шуда, дар ин замина зарур аст, ки талаботи муштариён дар асоси баландбардории сифати хизматрасониҳо, баландбардории сатҳи эътимоднокии ТМХ, роҳандозии усулҳои муосири баҳодиҳӣ ба сифати хизматрасониҳо ва тақвияти менеҷмент дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба роҳ монда шавад ва дар ин самт алгоритми баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо коркард гардидааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

- ***гояи*** дар заминаи таҳқиқоти анҷомёфта оид ба такмили фаъолияти ТМХ, ҳолати рушди бозори маблағгузории хурд суръат ёфта, сифати маҳсулотҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ тақвият меёбад ва фарогирии молиявӣ дар кишвар таҳким меёбад.

- ***самтҳои*** дурнамои рушди фаъолияти ТМХ ва бозори маблағгузории хурд такмил ёфта, механизми мукаммалгардони рақамикунонӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) таҳқиқи асосҳои назариявии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва аҳамияти иқтисодии он дар шароити муосир; 2) имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии тақвияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) баррасӣ ва баҳодиҳии рушди ҳолати муосири фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва тақвияти маҳсулоти рақамии бонкӣ.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва татбиқи механизмҳои самарабахши фаъолияти он доир ба такмили механизми таъсири он ба иқтисодиёт, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятнокии тақвияти маҳсулотҳои рақамӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ», «Маблағгузории хурд» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 29.08.2024 таҳти №423-1дс**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» **(санади татбиқи натиҷаҳо №180/1 аз 10.05.2024 с.**) ва Маркази таълимӣ ва рушди маблағгузории хурди Тоҷикистон дар назди АТМХТ **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 20.06.2024 №143/2-04**) мавриди истифода қарор гирифтаанд. \\

- ***моделҳои*** иқтисодӣ-риёзӣ оид ба дурнамои рушди фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, такмили амалиёти ташкилотҳои мазкур ва истифодаи инноватсия зимни пешниҳоди маҳсулотҳои бонкӣ, ки метавонад дастрасии маҳсулотҳоро тариқи фосилавӣ таъмин намояд, ***таҳия карда шуданд;*** зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани механизми пешниҳоди қарзҳои хурд, ворид намудани имконияти маҳсулоти рақамӣ ва пешниҳоди фосилавии онҳо ***асоснок шудааст***; рушди нишондиҳандаҳои молиявии фаъолияти ҶСП ТАҚХ

«Имон Интернешнл» баҳодиҳӣ шуда, бо истифодаи усулҳои риёзӣ барои давраи то соли 2030 ***ояндабинӣ гардидааст***.

- ***стратегияи*** мукаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, бо мақсади дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои хурд вамаҳсулотҳои бонкӣ тартиб дода шуда, механизмҳои амалӣ намудани онҳо тавассути ташкил намудани бозорҷойҳо асоснок карда шудааст; ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва фаъолияти муътадили ташкилотҳои маблағгузории хурд роҳу воситаҳои мушаххас пешниҳод гардидааст.

- ***пешниҳод шудааст*** оид ба такмили заминаи меъёрию-ҳуқуқӣ ва асосҳои институтсионалии фаъолияти ТМХ пешниҳод гардида, роҳҳои амалӣ намудани онҳо тавсия гардидаанд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи «хизматрасониҳои бонкӣ», «маблағгузории хурд», таъсири давлат ба низоми маблағгузории хурд, хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини фаъолияти густурда ва самараноки низоми маблағгузории хурдро фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳия ва чунин **пешниҳодҳо тавсия шудаанд**: 1) Ташкили низоми мушаххаси дастрасии аҳолӣ тариқи фосилавӣ ва такмили механизми он; 2). Ташкили низоми баҳодиҳӣ оид ба фаъолияти ТМХ, ки метавонад сатҳи рақобатнокиро таҳким бахшад; 3). Рақамикунонии маҳсулотҳои бонкӣ дар заминаи иқтисодиёти рақамӣ; 4). Коркарди дурнамои рушди нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” гузаронида шудааст ва сароҳатан сатҳи он 91,83% ва 82,79% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои бозори хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити мусир аз он вобаста мебошад, муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузоштешуда ва нақши хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода

намудани 16 мақола, аз он ҷумла 5-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 9.3, 10.1, 10.10, 10.18, 10.22 ва 10.23-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 26.12.2025 қарори сазовор донистани Буриев Шоҳин Муддинович бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд (1 нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): «Тарафдор» – 16 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**26 декабри соли 2025.**